# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Шарипов Шариф Раҳмонович дар мавзуи «Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик)**

Ба таҳқиқи масоили марбути поэтика таваҷҷуҳ кардан хостори донишҳои амиқи филологӣ: назмшиносӣ, назарияшиносӣ ва сохторшиносӣ буда, аз муҳаққиқ меҳнати зиёдро талаб мекунад. Хушбахтона, Шарипов Шариф Раҳмонович ба ҳамин се бахши фавқуззикри адабиёти тоҷик ошноӣ дошта, аз ухдаи таҳқиқи мавзуи бисёр мубрам – муайян намудани мақоми Зуҳурии Туршезӣ, яке аз шоирони бисёр нозуксухан, дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд баромада тавонистааст.

Мавзуи пажуҳишгардида **ниҳоят мубрам** буда, ба самтҳои афзалиятноки илми адабиётшиносии мо пайванди комил дорад. Зеро бидуни омӯзиши мавзуи мазкур мо наметавонем, ки ба масъалаи такомули мавзую муҳтавои ғазал, вижагиҳои поэтикии он дар асрҳои XVII-XIX на танҳо дар шибҳи қораи Ҳинд, балки дар тамоми адабиёти ҳамин давра баҳогузорӣ намоем. Аз автореферати диссертатсияи доктории Шарипов Ш.Р. бармеояд, ки дар он чанд равиши муосири таҳқиқи адабӣ истифода шуда, муҳаққикро дар ин ҷода муваффақ кардаанд. Чунончи, корбурди равишҳои таҳқиқи адабии мактаби формалистии рус ва усулҳои пажуҳиши нишонашиносона ва сохторгароёнаи мактабҳои адабии Аврупо ҷанбаҳои илмии корро қавӣ ва ҷолибу хонданӣ кардаанд, ки ҷанбаи дигари **мубрамии мавзуи таҳқиқ**ро ифода менамояд.

Ҳамчунин, дар муаррифии Зуҳурии Туршезӣ дар кишвари мо диссертатсияи мазкур дорои аҳаммияти калон аст. Зеро то ба имрӯз дар Тоҷикистон ба истисної чанд назари иҷмолӣ дар мақолот ва асарҳои илмӣ дар бораи ғазалиёти шоир ягон пажуҳиши алоҳидаи илмӣ рӯйи кор наомадааст.

Ҳамчунин, мавзуи «Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ пешниҳод шудааст, ба самти адабиётшиносӣ ва шиноснома и ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мутобиқат дорад.

**Аҳаммияти мавзуи диссертатсия**и доктории Шарипов Шариф Раҳмоновичро метавон чунин дастабандӣ намуд:

1. Мавзуъҳои асосии ғазалиёти Зуҳурии Туршезиро муайян намудааст;
2. Вижагиҳои поэтикии ғазалиёти шоирро ошкор сохтааст;

3. Нақши ҳунарсозаҳоро дар эҷоди тасвирҳои бадеӣ дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ тавзеҳ додааст;

4. Баъзе тасвирҳои суннатиро, ки дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ бо тарзи нав ифода ёфтаанд, бо шоирони маъруфи адабиёти форсии тоҷикӣ муқоиса намудааст;

5. Мактаби пайравони шоирро муайян кардааст.

**Навоварии илмии диссертатсия**ро низ метавон чунин матраҳ кард:

1. Чандҷанбаии мафҳуми «ишқ» дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ба қалам дода шудааст;

2. Ба манфӣ, мусбӣ ва дуваҷҳа ҷудо шудани истиораҳои тавассути вожаи «ишқ» сохташудаи шоир ошкор гардидааст;

3. Ҳамчунин, муайян шудааст, ки дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ нисбат ба дигар афкори ахлоқӣ таранууми инсонсолорӣ, сулҳ ва дӯстӣ бештар буда, мавзуъҳои иҷтимоии дигари ӯ аз риндӣ, восӯхт, омӯзиши ҳунар, зоҳидситезӣ, дурӣ аз ватан, эътироз аз олам, оппозитсияи ақлу ишқ иборатанд ва тасвири табиат дар ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ ба се навъ: шоирона, иҷтимоъгароёна ва зируҳангорона тақсим мешавад;

4. Ошкор карда шудааст, ки ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ аз ҷиҳати композитсионӣ ба навъи пароканда марбутанд, ки дар онҳо воқеа такомул намеёбад ва ба таври статикӣ изҳор мешавад;

5. Навоварии дигари диссертатсия боз дар он аст, ки муҳаққиқ мутобиқати комили муҳтаво ба вазн дар ғазалиёти шоирро пурра бо далелҳо исбот кардааст;

6. Дар умум, аввалин бор ҷанбаҳои мавзуӣ-поэтикии ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ дар Тоҷикистон мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд.

**Дастгоҳи илмии диссертатсия** қавӣ буда, дар он равишҳои эътирофшудаи илмӣ, бавижа аз равишҳои назариявии муқоисавӣ-таҳлилӣ, муқоисавӣ-оморӣ, суратгарой, таърихӣ-муқоисавӣ, поэтикаи таърихӣ ва сохториву бадеӣ истифода гардидаанд. Ҳамчунин, муҳаққиқ аз сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ, нусхаҳои қаламии девонҳои шоир, методологияи олимони маъруфи тоҷик ва рус истифода намудааст. Шарипов Ш.Р. дар баробари истифода аз равишҳои муосири таҳқиқи адабиёт, аз методҳои суннатии таҳқиқ низ баҳра бурдааст.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳо ва масъалаҳои баррасишаванда ба таври мушаххас нишон дода шуда, онҳо дар боб ва зербобҳо ҳалли худро ёфтаанд.

**Хулоса ва тавсияҳо**и диссертатсия таҷассумкунандаи дурнамои мавзуи таҳқиқӣ буда, дар асоси баррасиҳои илмӣ ва ҷаҳонбинии адабӣ пешниҳод

карда шудаанд. **Хулосаи диссертатсияи** Шарипов Шариф Раҳмонович бардоштҳои мустақилонаи илмии муаллиф буда, аз 30 банд иборат аст.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ** дар он аст, ки масъалаҳои мавзуъ, мухтаво, сохтор, вазн, мусиқии дарунӣ ва берунӣ, воситаҳои баён ва тасвири бадеӣ, сабкшиносӣ, таъсирпазирӣ ва таъсиргузории ғазалиёти Зуҳурии Туршезӣ бори нахуст дар адабиётшиносии тоҷик ба риштаи пажуҳиш кашида шудаанд. Дар ин замина, мақоми Зуҳурии Туршезӣ низ дар густариши мавзую мухтавои ғазал ва вижагиҳои поэтикии он муайян карда шудааст.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқ** дар он аст, ки натиҷаҳои илмии диссертатсияро метавон дар навиштани таърихи адабиёти тоҷик дар садаҳои XVII-XIX ва таҳияи китобҳои дарсӣ истифода кард.

Муҳаққиқ Шарипов Ш.Р. дар доираи мавзуи диссертатсия 31 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидааст, ки ин мақолот дар маҷмуъ, нукоти меҳварӣ, натоиҷ ва мазомини диссертатсияро дар худ пурра таҷассум намуда, саҳми шахсии ӯро дар рушди илми адабиётшиносии тоҷик инъикос кардаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсияи доктории Шарипов Шариф Раҳмонович аз муқаддима, 5 боб, 22 фасл, 13 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст.

Ногуфта намонад, ки бо вуҷуди ноил шудани муаллифи диссертатсия ба комёбиҳои зикршуда чанде иштибоҳоти зерин дар кори ӯ чашмгир аст, ки ба фикри мо, ибрози онҳо барои беҳбуди кор хоҳад буд:

1. Дар автореферати диссертатсия ғалатҳои услубӣ, техникӣ ва имлоӣ мавҷуданд (автореферат, с. 6, 8, 9, 14, 15, 27, 28).
2. Бахшҳои “Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ” ва “Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ” бояд каме муфассалтар баён мешуданд. Зеро бо дарназардошти мазмун ва мухтавои автореферати диссертатсия сатҳи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ баланд буда, дар ин замина, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ низ назаррас аст (автореферат, с. 32).
3. Фасли “Таъсири Зуҳурии Туршезӣ ба Калими Кошонӣ ва Ғании Кашмирӣ” бояд каме такомул ёбад (автореферат, с. 50-51).

Ногуфта намонад, ки имкон дорад, иштибоҳоти зикршуда дар вақти чопи монография ислоҳ шаванд ва онҳо аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Шарипов Шариф Раҳмоновичро ба ҳеҷ ваҷҳ ба поён намебаранд ва, албатта, хусусияти тавсиявӣ доранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи доктории **Шарипов Ш.Р.** дар мавзуи **«Нақши Зуҳурии Туршезӣ дар такомули ғазали форсии тоҷикии асрҳои XVII-XIX дар шибҳи қораи Ҳинд (масъалаи таҳаввули навъи шеърӣ)”** ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 (тағйирот бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
доктори илмҳои филологӣ, профессор,
мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Солеҳов Шамсиддин Аслиддинович

Имзои Ш.А.Солеҳовро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121
Тел.: +992 (37) 224-13-83.
www. tgpu.tj: E-mail: info@tgpu.tj
15 майи соли 2024